# ПРОТОКОЛИ

**ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

аз 26.05.2022 №7 ш. Душанбе

Иштирок доштанд: 16 нафар

РӮЗНОМА:

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

**Раискунанда:** Ҳозирини гиромӣ! Дар рӯзномаи ҷаласа муҳокимаи рисолаи илмии унвонҷӯи муассиса Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ" аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешбинӣ гардидааст.

Роҳбари илмӣ Иматзода Лутфия Маҳмадулло, доктори илмҳои педагогӣ, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мебошанд. Муқарризони расмӣ Зиёзода Т.Н. - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; Маҳкамов Д. – дотсент номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон; Котибова Ш. - номзади илмҳои педагоӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Унвонҷӯ рисолаи илмии худро дар асоси накшаи илмӣ-тадқиқотии шуъбаи педагогика ва психология омода намудааст. Сухан барои баён намудани мазмуни мухтасари рисолаи худ ба унвонҷӯ дода мешавад.

**Шунида шуд:** Унвонҷӯ Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна иштирокчиёнро бо мазмуни асосии рисолаи худ шинос намуд. Дар муқаддима мубрамият, аҳмияти илмию амалии таҳқиқот асоснок карда шудааст, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет ва мавзӯи таҳқиқот муайян карда шудаанд, фарзия ба таври дақиқ ва мухтасар ифода карда шудааст, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои тадқиқот нишон дода шудаанд, навгониҳои илмӣ, аҳмияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада инъикос гардидаанд, масъалаҳои дар ҳимоя тасдиқшаванда баён гардидаанд, тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои тадқиқот оварда шудаанд.

Дар боби якум **Асосҳои илмӣ-педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон номгузорӣ гардида, дар зербоби якум** хусусиятҳои ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар адабиётҳои психологӣ-педагогӣ ва илмӣ таҳлил гардидаанд. Қайд мегардад, ки предмети педагогикаи халқӣ – илм дар бораи таҷрибаи мардум оид ба тарбияи насли наврас, дар бораи тайёрии педагогӣ ба ҳаёт, зиндагӣ, ба зиндагонии оилавӣ, авлоду қабила, халқияту миллат мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаро ҳадафи худ қарор додааст. Ташаккул ва рушди минбаъдаи он ба тарбияи шахсиятҳои дорои сатҳи баланди ахлоқӣ, дунёи пургановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ, риоягари қонунҳо, ҳуқуқҳо, озодиҳо, таҳаммулпазир, зебописанд, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор вобаста аст. Тарбияи чунин шаҳрвандон вазифаи давлат, ҷомеа ва оила аст.

Боиси қайд аст, ки олимони ватанӣ оид ба масъалаҳои гуманизм ва арзишҳои миллию умумибашарӣ рисолаҳои докторӣ ҳимоя намуда, натиҷаи онҳоро дар шакли китобу дастурҳо рисола ба табъ расондаанд. Аз ҷумла М.Лутфуллоев «Арзишҳои миллӣ дар китоби «Шарафномаи миллат», «Эҳёи педагогикаи Аҷам», «Тоҷикистони соҳибистиқлол ва масъалаҳои тарбия», И.Каримова: «Фарҳанг-сарчашмаи гуманизм», «Некӣ некӣ ба бор орад», Д.Латифзода «Тарбияи донишҷуён дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ», Б.Маҷидова, Л.Иматзода “Мавқеи одату анъанаҳо, адабиёти бадеӣ дар инкишофи кӯдакони синни томактабӣ, А.Нуров, Ф.Гулматов «Нақши арзишҳои маънавӣ дар тарбияи мактабиёни хурдсол», «Арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, заминаҳои пайдоиш, инкишоф ва нақши онҳо дар тарбияи инсон» ва монанди ин.

Давраи наврасӣ аз он ҳам мураккаб аст, ки маҳз дар ҳамин давра ташаккули ҷаҳонбинии шахсият сурат мегирад. Тарбияи инсони комил дар педагогикаи муосири тоҷик бар асоси қадимтарин ақидаҳои педагогии ниёгон сурат мегирад ва яке аз бузургтарин сарчашмаҳои он китоби муқаддаси ориёи бостон “Авасто” мебошад. Китоби муқаддаси “Авасто” “пиндори нек, гуфтори нек ва гуфтори нек”-ро тарғиб мекунад.

Яке аз роҳҳои ташаккули ҷаҳонбинии наврасон истифодаи методи эътиқод дар тарбия аст. Самаранокӣ ва таъсирнокии ин метод дар илми педагогика собит гардидааст. Эътиқод роҳи ташаккули донишҳо ва ақидаҳост. Дар тарбияи наврасон ҳамон донишҳое, ки инсоният бобати таърих, дин, фарҳанг, арзишҳо, анъана ва расму ойинҳои мардуми кишварҳои дигар ҳосил мекунад ва ҳамон ақидаҳо, ки ин ё он мардум дорад, меистанд.

**Боби дуюм «Таҳқиқи раванди ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ** » ба корҳои таҷрибавӣ бахшида шудааст, ки дар асоси он барномаи «Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон бо воситаи педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» кор карда баромада, ба амал бароварда мешавад.

Оид ба «Вазъият ва масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар замони муосир» қайд мегардад, ки масъалаи тарбияи наврасон дар Тоҷикистон паҳлӯҳои мухталиф дошта, аз ҷониби олимону таҳлилгарон равандҳои фикрӣ ва фарҳангии муҳити онҳо ба таври алоҳида омӯхта мешавад, ки он барои шинохти зарфиятҳои мавҷуда ва таҳдиду хатарҳои муосир имкони фароҳеро ба миён меорад.

Яке аз принсипҳои муҳими тарбияи шаҳрвандон, аз ҷумла-наврасону ҷавонон арзишҳои миллӣ ва гуманизм ё башардустӣ, инсондустӣ, инсонгароӣ мебошад. Худи ҳамин олимони соҳаи фалсафа, дин, сотсиология, педагогика, равоншиносӣ, таърих, санъату адабиётро водор месозад, ки ба омӯзишу баррасии масъала ҳамаҷониба машғул шавем ва гуманизми волои худамонро бар худамон бифаҳмонем, яъне мардуми тоҷик бояд аз таърихи ҳақиқиаш огоҳ шавад, бидонад, ки ӯ кӣ буд, чӣ гуна арзишҳои миллӣ ва дар миқёси таърихи умумибашарӣ чӣ гуна мавқеъ дошт. То халқ гузаштаашро надонад, ба қадри имрӯзааш намерасад. Нақши ҷомеа дар тарбияи миллӣ хеле муҳим буда, ҳамкории мактабу оила ва аҳли ҷамъиятро бо якдигар дар самти иҷрои вазифаи муҳими давлатӣ оид ба тарбияи насли наврас тақозо дорад.

Омӯзиши ин ғояҳо ва таълимоти педагогии мутаффакирони тоҷику форс аҳамияти калон дорад, зеро омили муҳими раванди назарию маърифатӣ дар соҳаи педагогика мебошад. Аз як тараф, хонандаи имрӯзаро бо сатҳи донишҳои педагогӣ шинос намояд, аз тарафи дигар нақши афкори педагогиро дар инкишофи илми педагогика нишон медиҳад.

Ин таълимоти педагогӣ барои тарбияи ғоявии хонандагон ва омодасозии касбии омӯзгорон аҳамияти калон дорад, зеро онҳоро дар рӯҳи эҳтиром ба арзишҳои ахлоқии давраҳои гузашта тарбия мекунад, насли навро бо анъанаҳои инсонгароӣ ошно месозад.

**Барои ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ чунин пешниҳодҳоро иҷроа карданд:**

1. Баланд бардоштани самаранокии корҳои тарбиявӣ, таъмини фароғати насли наврас, фаъолияти эҷодӣ ва тарзи ҳаёти солим дар давраи фориғ аз таҳсил (соатҳои тарбиявӣ, маҳфилҳои ҳунаромӯзӣ ва фаъолияти эҷодӣ ва тарзи ҳаёти солим) корҳои муайян анҷом дода шуд.

Баргузор намудани мулоқоту вохуриҳо бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ветеранҳо (иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҷанговарони байналмилалӣ), ходимони дин ва ғайра;

2. Идомаи нашри мақолаҳо дар матбуоти даврӣ;

4. Ташвиқи наврасон ба китобдустӣ ва китобхонӣ;

6. Тағйири арзишҳои имрӯзаи мардум барои рушди солими ҷомеа; зимни сӯҳбат бо омӯзгорон зикр шуд, ки тарғибу ташвиқи худшиносӣ ва ватанпарастӣ ба роҳ монда шудааст, вале наврасону ҷавонон ба дарки он сарфаҳм намераванд.

Тадқиқотҳои гузаронидашуда имкон медиҳанд, ки ба хулосае омад, ки фарзия дар бораи ба мақсад мувофиқ будани истифодаи

фарҳангу анъанаҳои миллӣ дар ташаккули худшиносӣ тасдиқ гардид. Чунин корҳо ба фаъол гардидани фаъолияти миллӣ-ватандустии хонандагони синфҳои боло, афзудани шавқу ҳавас ба омӯзиши мероси мадании миллии халқи худ мусоидат карданд.

Сипас аъзоёни ҷаласа Назиров Н., Давлатшоев И., Хасанов Ю. саволҳои худро ба унвонҷӯй пешниҳод намуданд ва унвонҷӯй ба ин саволҳо ҷавоб дод.

Сухан ба роҳбари илмӣ Иматзода Лутфия Маҳмадулло – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент (тақриз замима мегардад).

**Сухан ба муқарризони кори диссертатсионӣ:** дар баромади худ муқарризони кори диссертатсионӣ Зиёзода Т.Н. - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраитаърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; Раҷабов Маҳкамов Д. – дотсент номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Котибова Ш. - номзади илмҳои педагоӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар маҷмӯъ корро анҷомёфта ҳисобида, баъди анҷоми ислоҳи тағйиротҳои ҷузъӣ ба ҳимоя пешниҳод намуданд (тақризҳои муқарризон замима мегардад).

Муқарризон д.и.п., профессор Зиёзода Т.Н., н.и.п., дотсент Маҳкамов Д. ва иштирокдорони ҷаласа н.и.п. Давлатшоев И., ходими калони илмӣ Мардинаева М. мулоҳизаҳои худро оид ба диссертатсияи Ризоева Н.М. баён сохта, асосан ба диссертатсия баҳои мусбат доданд ва барои боз ҳам беҳтар шудани сифати таҳқиқот эроду тавсияҳои худро манзур карданд.

Иштирокчиёни ҷаласа н.и.п. Тоҳириён Ш., н.и.с. Назиров Н., ходими пешбари илм Имомназаров Д., н.и.п. Қурбонов С. ба музокира баромада, андешаҳои худро оид ба таҳқиқоти диссертатсионии Ризоева Н. баён сохта, диссертатсияро мусбат арзёбӣ карданд.

Баъд раиси ҷаласа Лутфуллоева П. андешаҳои ироанамудаи муқарризон иштирокчиёни ҷаласаро ҷамъбаст карда, аз ҷумла қайд кард, ки мавзӯи интихобнамудаи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ” хеле мавзӯи муҳим буда, ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасону ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавӣ барои шинохт, нигаҳдошт ва рушди арзишҳои миллии тоҷикон тақозои замон мебошад. Пешниҳод мегардад, ки диссертатсия барои ташхиси давраи минбаъда ба шӯрои диссертасионӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа 16 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “Тарафдор” – 16 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ бо дарназардошти тавсияву пешниҳоди муқарризон ва фикру мулоҳизаҳои пешниҳоднамудаи дигар иштирокчиён

**ҚАРОР КАРД:**

1. 1. Диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ" кори мустақилона баанҷомрасида ҳисобида шуда, барои ҳимоя дар шӯрои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-030 тавсия карда шавад.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, муовини директор оид ба корҳои илмии ПРМба номи А. Ҷомии АТТ — П.Лутфуллоева

Котиби ҷаласа, ходими пешбари илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ — Г.Ҷонмаҳмадова

Имзои П.Лутфуллоева ва Г.Ҷонмаҳмадоваро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳои ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ — Ҳакимова Х.